# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КУМИТАИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«14» 01 соли 2022 ш. Душанбе № 2

Дар бораи гузаронидани аксияи “Тозагии маҳал” дар соли 2022.

Бо мақсади таъмин намудани вазъи экологии мусоиди муҳити зист, иҷрои талаботи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июни соли 2011, №280 “Дар бораи тасдиқи Тартиб ва шароити нигоҳдошти ҳудудҳои маҳалҳои аҳолинишин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, аз 2 ноябри соли 2012, №626 “Дар бораи тартиби ошкор кардан ва ба ҳисоб гирифтани партовҳои бесоҳиб” ва бо дастрасии банди 10 Низомномаи Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 сентябри соли 2021, №357 тасдиқ карда шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар давоми соли 2022, ҳар моҳ ду маротиба, рӯзҳои шанбе ҷиҳати тоза намудани ҳудуди маҳалҳои истиқоматӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва роҳҳо аз партовҳои истеҳсолӣ, истеъмолӣ ва сахти маишӣ, бо ҷалби васеи табақаҳои гуногуни аҳолӣ аксияҳои “Тозагии маҳал” гузаронида шавад.
2. Сарраёсатҳо, раёсатҳо ва шуъбаю бахшҳои ҳифзи муҳити зисти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вазифадор карда шаванд, ки ҷиҳати гузаронидани аксияи “Тозагии маҳал” дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ накшаи чорабиниҳо тартиб дода, то 29 январи соли 2022 ба раёсати истифода ва ҳифзи замин, канданиҳои фоиданоки маъмули умум ва муомилот бо партовҳои Кумита пешниҳод намоянд.
3. Аз рафти гузаронидани аксияи “Тозагии маҳал” тавассути шабакаҳои телевизион ва радиои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ барномаҳо омода ва пахш намуда, дар сомонаи интернетии Кумита маводҳои таҳлилӣ ҷойгир карда шаванд.
4. Ҷиҳати ҳавасманд намудани сокинон ва фаъолон озмуни шаҳрӣ (ноҳиявии) “Маҳаллаи беҳтарин” эълон намуда, дар арафаи Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваҳдати миллӣ, Иди байналмилалии Наврӯз, Рӯзи умумиҷаҳонии ҳифзи муҳити зист натиҷаҳои он ҷамъбаст ва ғолибон бо тӯҳфаҳои хотиравӣ ва ифтихорномаҳо қадрдонӣ карда шаванд.

5. Сарраёсатҳо, раёсатҳо ва шуъбаю бахшҳои ҳифзи муҳити зисти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз натиҷаи корҳои иҷрошуда охири ҳар моҳ ба раёсати истифода ва ҳифзи замин, канданиҳои фоиданоки маъмули умум ва муомилот бо партовҳои Кумита дар шакли хаттӣ ва электронӣ ҳисобот пешниҳод намоянд.

6. Раёсати истифода ва ҳифзи замин, канданиҳои фоиданоки маъмули умум ва муомилот бо партовҳои Кумита вазифадор карда шавад, ки рафти баргузории аксияҳоро таҳти назорати қатъӣ қарор дода, аз натиҷаи он охири ҳар ҳафта ба раиси Кумита маълумот пешниҳод намояд.

7. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Кумита Мавлодод А. М., гузошта шавад.

Раис Шерализода Б. А.